# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Ёрматов Алишер Ҷолматович дар мавзӯи «Таҳқиқи технологияи педагогикаи ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти асосӣ бо оила дар тарбияи худшиносӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)**

Мавзуи интихобкардаи диссертант Ёрматов Алишер Ҷолматович таҳти унвони **«Таҳқиқи технологияи педагогикаи ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти асосӣ бо оила дар тарбияи худшиносӣ»** яке аз мавзуъҳои актуалӣ ва муҳим ба ҳисоб рафта дар низоми таҳсилот воридшавии тағйирот, ҷорӣ намудани ҳамбастагии методҳои таълим ва тарбияро дар бар мегирад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва миллати бофарҳанги тоҷик баҳри мустаҳкам намудани давлати соҳибистиқлоли демократӣ, ки дар рушду нумуи маданияти миллӣ ва умумибашарӣ қадамҳои устувор гузошта, ҷаҳд бар он дорад, ки Тоҷикистони азизамон дар радифи мамлакатҳои пешқадаму мутараққии дунё ҷойгир бошад. Албатта, муваффақиятҳои дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт, иҷтимоиёт, саноат, илму фарҳанг, маориф, адабиёту санъат бадастомада ва ҳифзу муқаддасоти он, пеш аз ҳама, ба таълиму тарбия ва рушди ҷаҳони маънавию маърифатнокии ҳар як шаҳрванди тоҷику тоҷикистонӣ, алалхусус, наслҳои наврасу ҷавонон вобаста аст.

Аз ин рӯ, айни замон ба мо ниҳоят зарур аст, ки барои таълим додану тарбия намудан ва ба воя расонидани чунин шахсони ҳамаҷониба инкишофёфта дар навбати аввал таъсир, нуфуз ва мавқеи тарбияро баланд бардошта, ба кори таълим, донишандӯзӣ ва тарбияи наслҳои наврас ҷиддан пайвандем.

**Ҳамзамон унвонҷӯ дар таҳқиқи диссертатсионии худ чунн нуктаҳоро ба ҳимоя пешниҳод намудааст:**

1. Мафҳуми худшиносӣ ҳамчун падидаи фалсафӣ, адабӣ ва педагогӣ. Накш ва ҷойгаҳи мафҳуми худшиносӣ дар адабиёти классикӣ ва муосири тоҷик;

2. Нақши омӯзгорон ва муҳассилин дар муҳайё намудани шароит ва заминаҳои асосии тарбияи худшиносии мактабиён

3. Заминаҳои ҳамкории омӯзгорону хонандагон ва истифодаи самараноки онҳо.

4. Ташкил ва гузаронидани корҳои таҷрибавӣ – озмоишӣ оид ба тарбияи худшиносии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ.

5. Коркарди маълумоти оморӣ, таҳлил ва хулоса.

6. Таълим ва ба назар гирифтани фаъолиятнокии хонандагон дар тарбияи худшиносӣ, мубориза алайҳи бегонапарастӣ.

7. Пешниҳодҳо оид ба тарбияи худшиносии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ.

Аз тарафи диссертант дар кори таҳқиқоти чунин фарзияи таҳқиқот пешниҳод шудаанд, ки аз маҳорат ва дониши баланди ӯ далолат медиҳад:

– таълими мавзуъҳо аз тарафи омӯзгорон мақсаднок ва бамаврид ба роҳ монда шаванд;

– инкишофи ҷараёни маърифатӣ, хусусиятҳои инфиродӣ ба ҳисоб гирифта шавад;

– **ҷамъбаст, таҳлил ва хулосабарории мавзӯъҳои таълимӣ ба ҳаёти муосир, бахусус, ба ҳаёти рӯзмарраи бачаҳо муқоиса карда шаванд.**

– дар раванди омӯзиш ба мундариҷаи мавзӯъҳои таълимие, ки дар онҳо марбут ба худшиносӣ далелу санад ва маълумот ҷой дода шудаанд, диққати ҷиддӣ дода шавад;

– маълумоти махсуси иттилоотӣ дар раванди таълиму тарбия барои рушди худшиносӣ, ки як рукни асосии ташаккули шахсияти мактаббачагон мебошад, корбаст шавад.

**Дар ибтидои диссертатсияи** мазкур муқаддима зарурияти мавзуи таҳқиқот, тавсифи асосии дастгоҳ (аппарат)-и илмӣ, ҳадаф, объект, маврид, фарзия, вазифаҳо, асосҳои методологӣ ва усулҳои таҳқиқот ба таври мушаххас муайян карда шудаанд. Навгониҳои илмӣ, аҳамияту моҳияти назарӣ ва амалии таҳқиқот муяйян карда шуда, марҳилаҳои таҳқиқот, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва маълумот оид ба тасвиб ва тасдиқи натиҷаҳои кори озмоишӣ пешниҳод гардидааст.

Дисертант дар рӯҳияи донишандӯзию маърифатнокӣ ва ахлоқи ҳамида худшиносию худогоҳии миллӣ тарбия намудани насли наврас аз намунаҳои беҳтарини мероси адабӣ, илмӣ, фалсафӣ ва педагогии мутафаккирони барҷаставу шинохтаи форсу тоҷик аз қабили Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Унсурулмаолии Кайковус, Абуҳомиди Ғазолӣ, Саъдии Шерозию Абдураҳмони Ҷомӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Аҳмади Донишу Тошхуҷаи Асирӣ ва Шамсуддин Шоҳину Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзодаву Бобоҷон Ғафуров ки дар асарҳои гаронбаҳои худ оид ба паҳлуҳои мухталифи таълиму тарбияи насли наврас диққати ҷиддӣ дода, дар хусуси роҳу равиш ва усулҳои тарбияи худшиносию худогоҳии миллӣ афкори волою пурарзиш баён кардаанд самаранок истифода намудааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсияи Ёрматов Алишер Ҷолматович аз муқаддима, тавсияҳои умумии кор, ду боб, зербобҳо, хулосаҳои умумӣ, натиҷаи асосии илмии диссертатсия, тавсияҳо оид ба амалии натиҷаҳо, номгӯи адабиёт ва замимаҳо иборат буда, 182 саҳифаро дар бар гирифтааст. Рӯйхати ададиёти истифодашуда ба 184 номгӯй расидааст.

Ҳамчунин натиҷаи асосии диссертатсия дар 20–номгӯи интишороти ба табъ расонидаи муаллиф инъикос ёфтааст, ки аз ин шумора 2 – тояшро дастури методӣ ва дастури таълимӣ, 10–тояшро мақолаҳои дар нашрияҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ

расида ва 8–тои онро нашрияҳо ва маводи конференсияҳои назаряви ва илмӣ–таҳқиқотӣ ташкил медиҳанд.

Хулоса бояд қайд кард, таҳқиқоте, ки аз тарафи Ёрматов Алишер Ҷолматовия баанҷомрасонида шудааст, аз нигоҳи назариявию амалӣ, таҳқиқоти зарурӣ ба ҳисоб рафта, барои рушду нумуи илми педагогикаи муосир саҳмгузор мегардад.

Бояд гуфт, ки диссертатсияи Ёрматов Алишер Ҷолматович дар мавзуи **«Таҳқиқи технологияи педагогикаи ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти асосӣ бо оила дар тарбияи худшиносӣ»** таҳқиқоти ба анҷомрасида ба ҳисоб рафта, ҷавобгӯй ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) арзанда ҳисобида мешавад.

**Тақриздиҳанда:**
Мудири кафедраи технологияҳои барномасозӣ
ва математикаи олӣ, **н.и.п., дотсент:** **Шарипов Б.Р.**
05.09. 2022 с.

Имзои **Шарипов Б.Р.**-ро тасдиқ мекунам,
сардори ШК ва коргузории Донишкадаи технология
ва менеҷменти инноватсионӣ дар ш.Кӯлоб: **Шокиров Қ.Б.**